*Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА- 004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, маҳалаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии №8)*

# ТАҚРИЗ

***ба автореферати диссертатсия Одиназода Компрон Саидаброр дар мавзуи «Такмили танзими давлатии бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷират: назария, методология ва амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) пешниҳод гардидааст.***

Танзими давлатии бозори меҳнат дар шароити кунунӣ ба яке аз мавзуҳои мубрами соҳаи иқтисодиёт маҳсуб ёфта, ба ҷараёни муҳоҷирати аҳололӣ алоқамандии зич дорад. Аз ин нуқтаи назар зикр кардан ба маврид аст, ки равандҳои муосири муҳоҷирати аҳолӣ дар давраи иқтисодиёти бозоргонӣ яке аз ҷараёнҳои мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ мансуб дониста шуда ва он ҷиҳатҳои манфию мусбии худро доро мебошад. Муҳоҷирати аҳолӣ бевосита бо сатҳи рушди қувваҳои истеҳсолӣ ва ҷойгиронии он дар минтақаҳо алоқамандии зич дорад. Сатҳи баланди ҳаракати аҳолӣ истифодаи пурраи қувваи корӣ, инчунин тақсимоти онро дар байни марказҳои саноатӣ ва минтақаҳои азхудшуда таъмин менамояд, ки ин дар навбати худ ба пешравии иқтисодиёт мусоидат менамояд. Вобаста ба ин коршиносон бар он ақидаанд, ки дараҷаи ҳаракатнокии аҳолӣ сатҳи умумии рушди мамлакатро инъикос мекунад ва чунин ақида мутобиқи таҷрибаи омӯхташудаи байналхалқӣ дар ҳақиқат қобили қабул мебошад. Зеро, муҳоҷирати аҳолӣ ва пеш аз ҳама муҳоҷирати меҳнатии беруна шиддати бозори меҳнатро дар давлатҳои интиқоли муҳоҷирон паст менамояд ва бо ин роҳ шумораи шаҳрвандони бекор низ коҳиш меёбад. Муҳоҷирони меҳнатӣ бо дарназардошти вазъи душвори молиявии оилаҳои худ кӯшиш мекунанд, ки қисми зиёди маблағҳои дар хориҷа кор кардашударо ба ватан интиқол диҳанд ва бо ин роҳ шароити моддию маишии хонаводаро беҳтар гардонанд.

Дар таҳқиқоти муаллиф як қатор навгониҳо, дастовардҳои илмӣ, тасдиқот ва хулосаву пешниҳодҳо оварда шудаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо дар матни бобу зербобҳои автореферат инъикос ёфта ва натиҷагирӣ шудаанд. Муаллифи автореферат фаҳмиши амиқи танзими давлатии бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷират бо такя ба доираи васеи манбаъҳои илмӣ, аз ҷумла корҳои муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ нишон медиҳад.

Муаллифи автореферат ба масъалаи индикаторҳо, усулҳо ва нишондиҳандаҳои ташхиси бозори миллии меҳнат дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт мароқ зоҳир карда, онро дар ҷадвали 1 таҳия карда аст, ки ба ақадаи муаллиф танзими давлатии бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон наметавонад бидуни таҳлили амиқи омилҳои институтсионалӣ, механизми ҳуқуқӣ ва робитаҳои мутақобилаи байни сохторҳои давлатӣ ва бозори меҳнат ба таври муассир амалӣ гардад, (саҳ.23).

Дар ҷараёни таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии мавзуи муаллиф модели механизми танзими шуғли ғайрирасмиро пешниҳод кардааст. Ба андешаи ӯ, танҳо тавассути сиёсати комплексии макроиқтисодӣ, баланд бардоштани саводнокии ҳуқуқӣ ва андозии аҳолӣ, инчунин густариши эътимоду боварӣ метавон сатҳи шуғли расмиро боло бурд,(саҳ.28).

Муаллиф зимни таҳлил муайян намуд, ки шуғли аҳолӣ аз рӯйи соҳаҳо низ дар ин давра тағйироти назаррасро нишон медиҳад. Аз ҷумла, шумораи кормандон дар бахши кишоварзӣ аз 1,545 то 1,608 ҳазор нафар афзоиш ёфтааст. Дар муқоиса, дар бахши саноат (коркард) ва нерӯи барқ, газ ва об коҳиши нисбӣ мушоҳида мешавад. Саноати коркард дар соли 2023 81,7 ҳазор нафарро фаро гирифтааст, дар ҳоле ки соли 2017 шумораи он ба 86,7 ҳазор нафар расида буд, (саҳ.26).

Диссертант дуруст иброз медорад, ки дар шароити паст будани ҳиссаи иқтисоди расмӣ ва густариши соҳаи хизматрасонӣ ва савдо, ки танҳо 1/3 аҳолии қобили меҳнатро фаро мегиранд, норасоии ҷойҳои кории муносиб эҳсос мешавад. Ин ҳолат, махсусан дар бахши кишоварзӣ, ки 69% аҳолии қобили меҳнатро дар бар мегирад, вале танҳо 22% ММД-ро ташкил медиҳад, равшан ба назар мерасад. Муаллиф сабаби асосии афзоиши шуғли ғайрирасмиро дар маҳдудияти имконияти шуғли расмӣ ва душвориҳои институтсионалӣ муайян мекунад. Ба андешаи муаллиф, барои кам кардани паҳншавии шуғли ғайрирасмӣ ва музди меҳнати пинҳонӣ, бояд механизмҳои мукаммали ҳавасмандсозии расмикунонии шуғл, аз ҷумла коҳиши андоз, такмили қонунгузории меҳнат, дастгирии бахши хусусӣ ва рушди инфрасохтори бозори меҳнат амалӣ шаванд, (саҳ.28).

Таҳлилҳои муаллиф дар автореферат нишон дод, ки дар солҳои охир шумораи шаҳрвандони Тоҷикистон, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ сафарбар мешаванд, ҳамасола ба ҳисоби миёна 5-7% афзоиш ёфтааст.

Аз ҷумла, тибқи маълумоти расмӣ, дар соли 2023 шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон ба 1,1 миллион нафар расидааст, ки нисбат ба соли 2015 тақрибан 30% зиёд мебошад. Аз ин шумора, беш аз 80% ба соҳаҳои сохтмон, хизматрасонӣ ва кишоварзӣ ҷалб гардидаанд. Ҳамзамон, муаллиф дар таҳқиқоти худ муайян намудааст, ки саҳми муҳоҷирати меҳнатӣ дар

ММД кишвар аз 28% дар соли 2015 то 33% дар соли 2023 афзоиш ёфтааст, (саҳ.47).

Баъди таҳқиқот муаллиф ба чунин хулоса омад, муҳоҷирати зеҳнӣ дар Тоҷикистон як равандест, ки ҳам таҳдид ва ҳам имкониятро дар бар мегирад. Дар ин замина, муаллиф зарурати табдил додани «фирори мағзҳо» ба «гардиши мағзҳо»-ро пешниҳод менамояд, ки дар он на танҳо баргардонидани кадрҳо, балки истифодаи дурдаст ва шабакаҳои ҳамкорӣ бо диаспораи зеҳнӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва марказҳои илмии хориҷӣ низ дар назар гирифта мешавад. Ба тавсияи муаллиф, низоми такмилёфтаи сиёсати муҳоҷират бояд дар чорчӯбаи Стратегияи рушди миллӣ то соли 2030 бознигарӣ шуда, бо тадбирҳои ҳадафманд, аз қабили барномаҳои бозгашти кадрҳо, дастгирии фаъолияти илмӣ ва ҷорӣ намудани механизмҳои ҳавасмандсозӣ такмил дода шавад.

Дар таҳия, татбиқ ва коркардҳои анҷомдодашуда мазмуни автореферати диссертатсия ба матни он мувофиқ буда, моҳияти илмии ҷараёни таҳқиқотро бо назардошти таҳлилҳои ҳамаҷониба пурра инъикос менамояд.

Вобаста ба ҷиҳатҳои мусбии таҳқиқот гуфтан ба маврид аст, ки муваффақиятҳои унвонҷӯ дар таҳқиқоти анҷомгардида сершуморанд. Аммо, новобаста ба ин, аз нигоҳи мо, хуб мешуд агар унвонҷӯ дар таҳқиқоти мазкур ба масъалаҳои зерин аҳамият медод:

1. Дар қисмати назариявии автореферат вобаста ба масъалаи баррасишаванда нуқтаи назари илмии олимони зиёди хориҷӣ ва ватанӣ хуб инъикос гардидааст, аммо нуқтаи назари мунақидонаи муаллиф оид ба назари онҳо кам ба мушоҳида мерасад. Ҳамзамон, ихтилофи назари муаллиф дида намешавад;
2. Дар авторферати диссертатсия бисёр ба маврид мебуд роҷеъ ба интиқоли пулии муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳаҷми як ҷадвал ё диаграмма таҳлилҳо гузаронида мешуд.

Ниҳоят, автореферати диссертатсияи Одиназода Комрон Саидаброр дар мавзуи «Такмили танзими давлатии бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷират: назария методология ва амалия», бо забони илмӣ навишта шуда, аз рӯйи мазмун ва сифати нигориш ҷавобгӯ ба талаботи иҷрои кори диссертатсионӣ омода гардида, аз рӯйи хулосагирӣ ва муқаррароти пешниҳодшуда кори илмии ба анҷомрасида мебошад. Автореферати мазкур зинаҳои лозимаи санҷиширо гузашта, ба ҳимоя пешниҳод гардидааст. Дар маҷмуъ автореферати диссертант мақсаду вазифаҳо ва масъалаҳои дар наздаш гузошташударо дар сатҳи зарурӣ иҷро кардааст.

Хулоса, автореферат, ки аз тарафи унвонҷӯ Одиназода Комрон Саидаброр дар мавзуи «Такмили танзими давлатии бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷират: назария, методология ва амалия», ки барои дарёфти

дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ), анҷомёфта буда, дорои мазмуни илмию амалӣ мебошад. Бинобар ин, арзанда аст, ки ба муаллифи он Одиназода Комрон Саидаброр дараҷаи илмӣ-номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ), дода шавад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
муовини ректор оид ба
робитаҳои байналмилалии ДДМИТ Сафаров Б.Г.

Дурустии имзои Сафаров Б.Г.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДМИТ Мирҷамолов М.А.

25.08.2025

*Суроға:*
734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе
к. Нахимов 64/14
Тел: +992935555072
E-mail: manzura@yandex.ru